ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба тадқиқи диссертатсионии Аҳмадов Дилшодбег Шарифович дар мавзуи "Маҳсулнокии зағири равғандиҳанда вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст

Мубрамии мавзъӯи тадқиқи диссертатсионӣ. Ҷиҳати таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо маҳсулотҳои ғизоӣ ва саноат бо ашёи хом, ривоҷ додани истеҳсоли равғани растании аз зироатҳои равғандеҳ ҳосилшуда нақши муҳимро иҷро менамояд. Истифода бурдани заминҳои корами лалмии кишвар, манбаи асосии истеҳсоли маҳсулотҳои ғизоӣ ба шумор меравад.

Парвариш ва истеҳсоли зироатҳои равғандиҳанда, аз қабили зағири равғандори намуди сершохи кӯтоҳнах (кудряш) аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, аҳолии кишварро бо равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза ва чорворо бо маводҳои ғизоӣ, аз он ҷумла кунҷораи серғизо таъмин менамояд ва ҳамчун пешинакишт аҳамияти агротехникӣ дорад.

Дар муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ таҷрибаҳои илмӣ оид ба меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои минералӣ барои навъҳои маҳалии ноҳиябандишудаи зағири равғандор, махсусан дар шароити заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор омӯхта нашудааст. Бинобар ҳамин, дар шароити зуд тағйирёбии иқлим тадқиқоти унвонҷӯ Аҳмадов Дилшодбег Шарифович аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта дар таъмини амнияти ғизоии кишвар мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Тадқиқоти унвонҷӯ дар доираи "Барномаи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва иннаватсия барои давраи то соли 2030" аз 30.06.2021, №263 ва Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025" аз 30.04. 2021, №171 иҷро карда шудааст.

Навгонии илмии тадқиқотии унвонҷӯ аз он иборат мебошад, ки Ӯ бори аввал дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор меъёрҳои оптималии нуриҳои минералиро барои зағири навҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи "Ҳисор – 474" ва "Ҳисор – 10" тадқиқ намудааст. Нуриҳои фосфорӣ ва калийгӣ дар тирамоҳ пеш

аз коркарди асосии хок ва азотӣ дар давраи нашъунамои растанӣ истифода бурда шудааст. Бартарии ин технология дар он аст, ки растаниҳо ин моддаҳои ғизоиро дар марҳалаҳои гуногуни инкишоф истифода мебаранд.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот. Дар натиҷаи корҳои илмӣ тадқиқотиаш унвонҷӯ Аҳмадов Д.Ш. барои заминҳои лалмии аз боришот таъмини Водии Ҳисор технологияҳои инноватсионии парвариши зағири навъҳои маҳалии ноҳиябандишудаи "Ҳисор – 10" ва "Ҳисор – 474" - ро тавсия медиҳад.

Ӯ илман асоснок намудааст, ки истифодабарии 60 кг нурии фосфорӣ ва 45 кг калийгӣ дар намуди моддаи таъсирнок дар тирамоҳ пеш аз коркарди асосии хок ва 60 кг дар 1 гектар азотӣ дар давраи нашъунамои зағир бо тарзи киштӣ камбари байниқатории 15 см, гирифтани то 12 сентнер ҳосили тухмӣ, 480 кг равғании растании аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин менамояд ва кунҷораи серғизои он барои рушди соҳаи чорводорӣ аҳамияти истеҳсолӣ дорад.

Натиҷаи кори тадқиқотиии унвонҷӯ соли 2025 дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини хоҷагии таҷрибавии "Зироткор" - и Институти зироаткории АИКТ дар шаҳри Ҳисор дар майдони 2 гектар татбиқ карда шудааст.

Таҷрибаҳои саҳроии унвонҷӯ Аҳмадов Д.Ш., тайи солҳои 2021 - 2024 аз ҷониби ҳайати комиссияи махсуси апробатсионии Институти зироаткорӣ ва зерсохторҳои он, муассисаҳои тобеъи АИКТ, намояндагони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар муассисаҳои илмӣ ва таълими баҳогузорӣ карда шуда, натиҷаи он дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон муҳокима гардидааст.

Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия. Унвонҷӯ дар доираи мавзуи диссертатсия 9 маводи илмӣ ба таъб расонидааст, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 160 саҳифа таҳия гардида, аз 5 боб, муқаддима, қисми таҷрибавӣ, натиҷаҳои таҳқиқот, самараи иқтисодӣ, хулосаю пешниҳодҳо ба истеҳсолот, 32 ҷадвал, 11 расм иборат буда, рӯйхати адабиёт 145 номгуй, аз ҷумла 15

муаллифони хориҷиро дар бар гирифта, дар он замимаҳо дарҷ гардидааст.

Боби 1 - уми диссертарсия аз 3 қисм иборат буда, довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., мухтасар шарҳи адабиётҳо дар бораи пайдоиш ва аҳамияти зағири равғандор барои хоҷагии халқ, хусусиятҳои ботаникию биологии он ва натиҷаҳои асосии парвариши ин зироат дар минтақаҳои гуногуни хориҷи кишвар ва ҷумҳурӣ дарҷ намудааст. Аз таҳлилҳои овардашуда маълум аст, ки зағири равғандорро ҳамчун маводи асосии ғизоӣ, табобатӣ ва техникӣ дар ҳамаи минтақаҳои дунё парвариш ва истеҳсол менамоянд.

Унвонҷӯ дар ин боб қайд менамояд, ки дар шароити заминҳои лалмии аз боришот таъмин ва нимтаъмини ҷумҳуриамон дар ҳолати риояи қоидаҳои технологияи парвариш, аз он ҷумла интихоби навъ, ба роҳ мондани киштгардонҳои кӯтоҳмуддат, истифодабарии меъёрҳои оптималиии нуриҳои маъданӣ гирифтани ҳосили устувори аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок имконпазир мебошад.

Дар боби 2 - юми диссертатсия, ки аз 5 фасл иборат мебошад, шароити хоку иқлим минтақаи тадқиқот, мавод ва методикаи иҷрои таҷрибаҳои саҳроӣ, таснифи заминҳои лалмии ҷумҳурӣ ва навъҳои маҳалии ноҳиябандишудаи зағир ва нишондиҳандаҳои агрометеорологӣ дарҷ гардидааст ва барои гирифтани ҳосили бештар нақши боришоти атмосфери ниҳоят муҳим мебошад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки миқдори боришот дар солҳои 2021 ба 305,2 мм; 2022 (600 мм); 2023 (339 мм) ва соли 2024 ба 656,7 мм баробар шудааст.

Дар боби 3 - юми диссертатсия натиҷаҳои асосии диссертатсия оварда шудааст ва он аз 5 зербоб, агротехникаи парвариши зағир, ташхиси кимиёвии хоки минтақа, таъсири нуриҳои минералӣ ба инкишоф, ҳосилнокӣ, маҳсулнокӣ, ифлосшавии қитъаҳо ва ташшаккулёбии зағири навъи “Ҳисор 10” ва “Ҳисор – 474” вобаста аз истифодабарии меъёрҳои гуногуни моддаҳои ғизоии азотӣ, фосфорӣ ва калийгӣ иборат мебошад.

Дар ин боб унвонҷӯ Аҳмадов Д.Ш., ба исбот расонидааст, ки ҳосилнокии бештари тухмӣ 12 сентнер аз 1 гектар ҳангоми истифодабарии нурии азотӣ ба миқдори 60кг, фосфорӣ 60кг ва калийгӣ 45кг гирифта шудааст, ки ин нисбат ба варианти назоратӣ (бе нури) 5,1 сентнер ё 42,5 фоиз зиёд аст.

Таҷрибаҳои саҳроӣ нишон доданд, ки дар ҳолати истифодабарии меъёри нурии азотӣ ба миқдори 60 кг, фосфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45 кг дар 1 гектар ҳосилнокии тухмии зағири навъи "Ҳисор – 474" ба 9,4 сентнер баробар шудааст, ки ин нисбат ба варианти назоратӣ (бе нури) 3,4 сентнер ё 36,2 фоиз зиёд аст. Аз истифодабарии 60кг моддаҳои ғизоии азотӣ, 60 кг фосфорӣ дар 1 гектар ҳосилнокии тухмии зағир 8,9 сентнерро ташкил додааст, ки ин нисбати назорати (бе нури) 2,9 сентнер ё 32,6 фоиз бештар аст.

Таҳлилҳои миёнаи солҳои 2021 – 2024 нишон доданд, ки истеҳсоли равғанӣ растании бештар 481кг аз 1 гектар аз зағири навъи "Ҳисор – 10" бо истифодабарии нурии азотӣ 60кг, фосфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45кг гирифта шудааст, ки ин нисбати варианти назоратӣ (бе нури) ба миқдорӣ 205 кг зиёд аст. Аз истифодабарии нурии азотӣ 60кг ва фосфорӣ 60 кг дар 1 гектар 444 кг равғанӣ растании аз ҷиҳати экологӣ тоза руёнида шудааст.

Натиҷаҳо нишон доданд, ки истеҳсоли равғанӣ растанӣ ба миқдорӣ 377 кг аз 1 гектар аз зағири навъи "Ҳисор – 474" бо истифодабарии нурии азотӣ ба миқдорӣ 60кг, фосфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45кг руёнида шудааст ва ин нишондод нисбати варианти назоратӣ (бе нури) ба миқдорӣ 139 кг зиёд аст.

Дар боби чоруми диссертатсия таҳлили самараи иқтисодии парвариши зағир иникос ёфтааст. Дар натиҷаи таҳқиқотҳо муайян карда шуд, зағири навъи "Ҳисор – 10" аз истифодабарии нурии азотӣ ба миқдори 60 кг, фосфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45 кг дар 1 гектар бо ҳосилнокии 12 сентнер тухмӣ, фоидаи соф ба 6514 сомони, арзиши аслии 1 сентнер маҳсулот 457 сомони ва манфиатнокӣ 119 фоиз баробар шудааст.

Дар боби 5 – уми диссертатсия баррасии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудааст. Таҷрибаҳои илмии саҳроии унвонҷӯ бори аввал дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини минтақаи Ҳисор гузошта шуда, моддаҳои ғизоии азотӣ, фосфори ва калийгӣ дар марҳалаҳои гуногуни инкишофи зағир истифода бурда шудааст. Нуриҳои фосфорӣ ва калийгӣ дар тирамоҳ пеш аз коркарди асосии хок ва азотӣ дар давраи нашъунамо истифода шудааст ва ин технология имконият медиҳад, ки ниҳолҳои зағир аз ин элементҳо мунтазам таъмин бошанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ – методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии

нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии тадқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидааст.

Хулоса, диссертатсияи Аҳмадов Дилшодбег Шарифович дар мавзуии "Маҳсулнокии зағири равғандиҳанда вобаста аз меъёрҳои гуногуни нуриҳои минералӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. - Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи
ихтисоси 06. 01. 01 - Зироаткории умумӣ,
растанипарварӣ Нарзулоев Тош Садулоевич

07 августи соли 2025

Суроға: 735022, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Ҳисор, шаҳраки Шарора, кучаи Дӯстӣ - 1
Институти зироаткории АИКТ, тел: 903 33 96 80

Имзои Т.С. Нарзулоевро тасдиқ
мекунам: Сармутахассис оид ба кадрҳои
Институти зироаткории АИКТ Пирова Мунаввара Икрошоҳевна

Суроға: 735022, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Ҳисор, ҷ/д "Ҳисор", деҳаи Узбекистон,
хонаи №378, тел: 903 33 96 80